Вазифаи холӣ - Сармутахассиси бахши экспертизаи забоншиносӣ

Submitted by Ҳайати тадорукот on 3 January, 2018 - 09:27
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии сармутахассиси бахши экспертизаи забоншиносии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни кушода эълон

менамояд:

1. Талаботи тахассусӣ ба довталабони мансаби сармутахассиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон .
- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ:
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ аз рӯи ихтисос:
- маҳорати кор ва кордонӣ дар компютер.
- маоши мансабӣ 855 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали тарифӣ.

2. Довталабон бояд дорои малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ зимни татбиқи манфиатҳои давлатӣ бошанд.

3. Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:
- аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона акси андозаи 4х6):
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (дараҷа ва унвони илмӣ);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли 086, 038);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда ва Эъломия оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;

4. Ҳуҷҷатҳо аз тарафи хадамоти кадрии Кумита дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон қабул карда мешавад.

Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25 (бинои Киностудияи «Тоҷикфилм» ошёнаи сеюм), индекс: 734025, телефон/факс: 227-59-38, 227-64-42, 227-78-69 почтаи электронӣ: kumitaizabon@mail.ru [2], сомона: www.kumitaizabon.tj [3]

Content rating: 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

Category:

- Вазифаи холӣ [4]
- Эълонҳо [5]

Source URL:http://www.kumitaizabon.tj/en/node/1442

Links
[1] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/job_vacancy.png [2] mailto:kumitaizabon@mail.ru [3] http://www.kumitaizabon.tj [4] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/54813 [5] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/25